# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

«07» январи соли 2022 ш.Душанбе

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна ба омӯзиши муқоисавии нутқи мазмунан нақлшуда бахшида шудааст. Дар он муаллиф роҷеъ ба хусусиятҳои фарқкунандаи нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи асари “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ таҳқиқи мушаххас гузаронида, тафовут ва умумиятҳоро мавриди таҳқиқи пурра қарор додааст.

Бояд таъкид намоем, ки нутқи мазмунан нақлшуда аз назари аввал агар осон намояд ҳам, вале тавре ки худи муаллиф низ зикр менамояд хусусиятҳои мураккабии худро дар раванди кор ошкор месозад. Аз инҷост, ки муаллифи диссертатсия дар раванди пажуҳиши мавзуъ баъзе тағйирот даровардааст, ки он ҳам ба назар гирифтани имконоти усулҳои тарҷума мебошад. Маълум аст, ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқот андешаҳои гуногун ба миён меояд, муҳаққиқон кушиш менамоянд, ки роҳи мувофиқи таҳқиқро дақиқтар созанд. Дар таҳқиқот дар замина як асари мушаххас таҳлил ва таҳқиқ намудани мавзуи интихобшуда барои комил намудани натиҷаҳо мусоидат намудааст, зеро асари интихобшуда тарҷумаи бевосита буда, ҳама хусусиятҳои забони тоҷикӣ дар он нигоҳ дошта шудааст. Дар тарҷумаи англисии он низ мутарҷимон кушиш намудаанд, ки матни асл бидуни тағйирот баргардон шавад. Аз ин ру, дар самти муқоисаи сохтории мавзуъ, ки дар аксар маврид ба замонҳои феълӣ ва тағйиру дигаргуншавии онҳо дар забони англисӣ алоқамандӣ дорад, истифодаи асари “Ёддоштҳо” ба сифати замина мусоидат намуда, барои дақиқ намудани хусусиятҳои хоси забонҳо дар мисоли ҷумлаҳои асари бадеӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳамчун сарчашмаи асосӣ хизмат намудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар грамматикаи забони англисӣ қоидаҳои гуногуни ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда ҷой дорад. Ин амал, махсусан дар доираи қоидаи мувофиқатии замонҳо ба миён меояд. Дар асл, ҳамин қоида, ки бо замонҳои гуногуни забон хусусияти

тағйирпазириро дар нутқи мазмунан нақлшуда зоҳир менамояд, мураккабии ифодаи онро дар забони англисӣ бештар месозад. Дар забони тоҷикӣ бошад ин хусусият камтар дида мешавад. Тағйир ёфтани намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, аз ҷумла ҷумлаҳои саволӣ, ки вобаста аз замон хусусияти ифодаи худро дар нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ иваз менамоянд, боиси ифодаи ғалат шуда метавонанд, ки ба тарҷумаи дуруст ва амиқ низ бетаъсир намемонанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот бо истифода аз намунаҳо аз асари мушаххаси интихобнамудааш тавонистааст, ки ивазшавии замонҳои забони англисиро нишон диҳад ва дар баробари ин ба дурустии истифодаи замон ҳангоми тарҷума андешаҳои мукаммалро пешниҳод сохтааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ҷанбаҳои гуногуни ифодаи нутқи мазмунан нақлшударо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар мегирад. Дар диссератсия мавзуъ дар заминаи асари бевосита тарҷумашуда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносии муқоисавӣ таъсири мусбат расонида, таҳқиқи хусусиятҳои фарққунанда, тафовут ва умумиятҳо заминаи мусоидро барои омӯзиши васеи қонуниятҳои грамматикии забонҳои муқоисашаванда таъмин карда метавонанд. Диссертатсия барои муҳайё сохтани омӯзиши масъалаҳои гуногуни грамматикаи муқоисавӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ саҳм гузошта, дар таҳқиқи масъалаҳои монанд заминаи мусоид фароҳам оварда метавонад.

Кори таҳқиқотии муҳаққиқ аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таълиф шудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии интихоби мавзуи интихобгардидаро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва

амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, ба хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар он дараҷаи омӯзиш ва хусусияти хоси забонҳои гуногун дар ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ »** таснифи хусусиятҳои хоси ифодаи нутқии мазмунан нақлшудаи забони англисиро бо назардошти қоидаи мутобиқатии замонҳо дар бар мегирад. Дар ин ҷо, таваҷҷуҳи бештар ба қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ, ки нисбат ба забони тоҷикӣ тафовут дорад, дода шудааст. Дар баробари рушду такомул ва густариши забонҳо хусусияти сохтории онҳо низ такомул ёфтааст. Масалан, дар забони англисӣ қоидаи мутобиқатии замонҳо, ки асосан хоси ҳамин забон аст, паҳлуҳои нозук ва ё наомӯхташударо низ ҳануз дорад. Ин амал, ҳангоми гузариши нутқ аз айнан ба мазмунан бетағйир намемонад. Дар ин баробар, дар тарҷума низ мавқеи истифодаи дурусти қоидаи мутобиқатии замонҳои забони англисӣ аҳамияти калон дорад. Дар нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ навъҳои гуногуни ҷумлаҳои хусусияти хоси ифода доранд. Ин хусусият нисбат ба забони тоҷикӣ тафовут дошта, аз ҷиҳати сохтор фарқкунанда мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми ифодаи як қатор ҷумлаҳо, ки ба мавзӯъҳои алоҳидаи нутқ иртибот доранд, дар шакли истисно ифода мегарданд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба ҳамин шакли ифодаи ҷумлаҳо мувофиқи матлаб мебошад.

Дар боби сеюм бошад сухан дар бораи **«Усулҳои ифодаи банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ»** меравад. Муҳаққиқ оид ба таҳқиқи намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки бо нутқи махмунан нақлшуда алоқамандӣ дошта, хусусияти тағйирпазириро пайдо мекунанд, таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар даҳ банд натиҷагири карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбастгардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқ мебошад.

Нуктаҳои асосии диссертатсияро Муаллиф дар 10 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуъ ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссератсия бевосита алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» таҳқиқоти анҷом ёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ-ро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

-**Мухторов Зайниддин -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе

-**Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология, профессор
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Қосимов О. Ҳ.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Матробиён С.Қ.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Джамирова Л.И.

Имзоҳои О.Ҳ. Қосимов, С.Қ.Матробиён
ва Л.И. Джамирова.-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.